Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

25 маи соли 2002. Шанбе № 39 (12782)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 18.30 имзо гардид.

## Мусиқии ӯзбек дар «Карнеги-холл» садо медиҳад

***Моҳи июни соли ҷорӣ дар Вашингтон ҷашнвораи ҳарсолаи фолклорӣ ба амал меояд, ки ба ҳисоб 36-умин аст. Дар он бори аввал фарҳанги мамлакатҳое пешкаши умум карда мешавад, ки дар Роҳи бузурги абрешим ҷойгиранд.***

Роҳҳои қадимаи савдо, ки Осиёро бо Аврупо пайвастаанд, аз Ҷопон то Италиё барои ба ҳамдигар ворид гардидани ғояҳо, санъат, мусиқӣ ва илм мусоидат кардаанд. Дар назар дошта шудааст, ки дар ҷашнвораи кунунӣ ҳайати вакилон аз 35 мамлакати Осиё, аз он ҷумла Ӯзбекистон иштирок мекунанд. Барои гузарондани тадбири мазкур кӯчаҳои марказии ИМА, майдончаи ҳунарнамоӣ ва павилонҳои миллии намоишгоҳҳо ҷудо карда шуданд, ки дар шафати Қасри Сафед маскан доранд. Созмондиҳандагони ҷашнвора Донишкадаи Смитсонови ИМА ва Лоиҳаи «Роҳи абрешим» мебошанду ба ин корҳо виолончелнавози машҳури ҷопонӣ Йо Йо Ма сарварӣ мекунад.

Ба амалӣ гардондани ин мақсад ба Йо Йо Ма консертҳое таҳкурсӣ гузоштанд, ки дар «Карнеги-холл»-и машҳури Нью-Йорк шуда гузашта, дар он бисёр ҳаводорони мусиқӣ иштирок намуданд. Дар консерти мазкур асарҳои оҳангсозони машҳур аз Чин, Муғулистон, Куриё, Туркия, Эрон, Озарбойҷон ва Ӯзбекистон иҷро гардиданд.

Дар яке аз тақризҳои худ бахшида ба ин воқеаи фархунда рӯзномаи машҳури «Нью-Йорк таймс» ба маҳорати хатмкардаи Консерваторияи давлатии Ӯзбекистон оҳангсоз Дмитрий Ян-Яковский, ки мусиқии он аз рӯи асарҳои Алишери Навоӣ таҳия гардида буд, баҳои баланд дод. Ва он аз маҳорати баланди оҳангсози ӯзбекистонӣ гувоҳӣ медиҳад, ки мусиқии Шарқро баробари истифода бурдани асбобҳои мусиқии ғарбӣ хеле бомаҳорат ба ҳукми тамошогарон пешкаш намуд.

**Б. МАМАҶОНОВ,**
**мухбири ӮзА.**

## Манбаъҳои муқобили энергия

**Дар меҳмонхонаи «Шодлик Палас»-и Тошканд семинари байналхалқӣ бахшида ба босамар истифода бурдани усулҳои низоми дурагаи офтобу шамол ба амал омад. Тадбири мазкур аз тарафи муассисаҳои илмии Ӯзбекистон, ки бо тадқиқи энергия машғуланд, дар ҳамкорӣ бо НАТО ва дигар ташкилотҳои байналхалқӣ гузаронда шуд.**

Анҷуманро ҷонишини аввали Нахуствазири Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Козим Тӯлаганов ифтитоҳ бахшид.

Дар кори семинар баробари олимони ӯзбекистонӣ мутахассисон, тадқиқотгарон аз бисёр давлатҳои ҷаҳон иштирок намуданд. Онҳо дар тӯли ду рӯз натиҷаҳои тадқиқотҳоро оиди ба даст овардани энергияи барқ аз усулҳои муқобил, минҷумла офтобу шамол мавриди муҳокима қарор доданд. Иштирокдорони анҷуман оид ба таъмин кардани ҳудудҳои душворгузар бо энергияи барқ, истифодаи манбаъҳои офтобу шамол ва об барои истихроҷи энергияи барқ, бо қуввааи барқ фарогирии ҳудудҳои кӯҳӣ, самараи иқтисодии ин усулҳо, аҳамияти онҳо ба Осиёи Марказӣ, захираҳои энергетикии минтақа ва ғайра мубодилаи афкор намуданд.

Зикр ёфт, ки дар Осиёи Марказӣ барои аз офтоб, шамол ва об гирифтани энергияи барқ шароит ниҳоят қулай буда, дар бобати ҳаллу фасли муаммое, ки бо манбаи энергияи барқи минтақа алоқаманд ҳастанд, мақоми калоне хоҳанд бозид.

**(ӮзА).**

## «Нафт ва газ» — ОГУ 2002

***Намоишгоҳи навбатии Ай-Тӣ-Эй групп (Британияи Кабир) ва шарики ӯзбекистонии он ИТЕСА-Осиё ин дафъа ба нафту газ бахшида шуд. 23-24 май дар толори меҳмонхонаи «Интерконтинентал»-и Тошканд шашумин чунин намоишгоҳи байналмилалии «Нафт ва газ»—ОГУ 2002 барпо гардид.***





Дар намоишгоҳ аз 20 кишвари ҷаҳон 35 ширкат ва корхонаҳои бузурги нафтполӣ ва истихроҷи нафту газ ширкат намуданд. Намоишгоҳро ҳукумати Ӯзбекистон дар шахси Компанияи миллии ҳолдингии «Ӯзбекнафтугаз» дастгирӣ намудааст.

Дар нишасти матбуотии пеш аз кушода шудани намоишгоҳ намояндаи Ай-Тӣ-Эй групп Висконт Асквит ба журналистон гуфт, ки ин ширкат дар беш аз 30 соҳа намоишгоҳ созмон медиҳад. Ва соле дар ҷаҳон 200 намоишгоҳ анҷом медиҳад, ки 25 чунин тадбир ба нафту газ бахшида мешавад.

Бино ба суханони раиси «Ӯзбекнафтугаз» Эгамбердӣ Саидаҳмадов соли гузашта дар Ӯзбекистон ба ҳаҷми 400 млн.доллар нафт истихроҷ гардид, ки он пеш аз ҳама ба эҳтиёҷи хоҷагии халқи ҷумҳурӣ харҷ гардида, танҳо боқимондаи он ба хориҷ содир карда мешавад.

Дар намоишгоҳ бошад, қабл аз ҳама таҷҳизоти тарконанда, анализаторҳо, газ ва азнавкоркарди он, кабелҳои гуногуннавъ, компрессорҳои ҳавоӣ ва газӣ, истихроҷ ва кашфи нафту газ, генераторҳо, геофизика ва василаҳои дигар ба назар мерасад.

Дар он рӯзҳо ҳамзамон конфронси илмии «Вазъияти геодинамикии нафту газҳосилкунӣ ва нафтугазҷамъоварӣ дар таркиби хок» ба амал омад, ки дар он мутахассисони соҳа аз кишварҳои гуногун ширкат намуданд.

**Т. ИКРОМОВ.**
**Суратгир: В. ПОРТНОВ.**

## Ба пешвози 70-солагии Нукус
## Омодагӣ

Сарвари давлатамон дар иҷлосияи ғайринавбатии Жуқорги Кенгеси Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон саҳми калони Нукусро дар рушди иҷтимоиву иқтисодии на танҳо Қароқалпоқистон, балки Ӯзбекистони соҳибистиқлол зикр намуданд. Ва он бесабаб нест. Нукус ҳарчанд нисбати шаҳрҳои куҳанамон Самарқанду Бухоро, Хиваву Шаҳрисабз хеле ҷавон бошад ҳам, вале бо симои худ, ҷиҳати ба худ хосаш фарқ мекунад ва махсусан солҳои истиқлолияти Ӯзбекистон ба бар либоси тамоман навро гирифтааст. Ва шаҳри ҷавон, ки имсол 70-солагии ташкилёбии худро васеъ қайд мекунад, боз ҳам ҷавонтару зеботар ва назарработар мегардад. Чунки дар ин бобат қарори махсуси Ҳукумати Ҷумҳурияти Ӯзбекистон қабул гардида, амалӣ гардондани тадбирҳои алоҳидаро ба нақша гирифтааст, ки бешак, дар бобати ободонӣ, сабзу хуррамгардонии Нукус нақши калоне мебозад.

Аз ҳамин сабаб имрӯз Нукус ба майдони бунёдкорӣ мубаддал гардидааст ва дар ҳар як мавзеи он шоҳиди меҳнати зарбдорона барои муносиб пешвоз гирифтани ҷашн мегардед. Дар арафаи ҷашн дари худро бинои нави Осорхонаи санъат ва дигар обектҳо боз мекунанд. Боғҳо, хиёбонҳои нав сохтаву тармим мегарданд. Садҳо оилаҳо дар хонаҳои нави худ бурёкӯбон мегузаронанд.

Ва онҳо ба қатори обектҳои инфрасохтори шаҳр, биноҳое шомил мегарданд, ки ба талаби аз ҳама замонавӣ ҷавобгӯянд. Аз ҳама муҳимаш барои ҷавонон шароити қулай фароҳам оварда мешавад. Зеро Нукус шаҳри ҷавонон, шаҳри донишҷӯён аст. Дар ин ҷо нисбат ба дигар шаҳрҳо (ба ғайр аз Тошканд) бештар донишкадаву донишгоҳҳо ва дигар муассисаҳои таълим маскан пайдо кардаанд.

Нукус ба ҷашни худ омодагии пухта мебинад ва ҳар як сокини он аз паи он аст, ки ба ин санаи фархунда бо тӯҳфаи ба худ хосе равад.

**Максет ДАВЛАТБОЕВ,**
**донишҷӯи Донишгоҳи давлатии Нукус ба номи Бердақ.**

## Пеш аз дарав

Дар Гулистон семинари механизаторон ба амал омад, ки ҳар сол дар ҷамъоварии ғалладона ширкат меварзанд.

Дар майдончаи махсус дусад комбайни ғалладарав ба намоиш гузошта шударо иштирокдорони семинар аз назар гузаронданд.

Баъд маҷлиси машваратӣ бахшида ба маъракаи ғалладаравии дар пешистода ба амал омад. Дар он сарварони ҳокимиятҳои вилоят, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, ҷонишинони онҳо, сарварони раёсатҳои вилоятӣ ва идораҳо иштирок намуданд.

Маҷлис таҳти сарпарастии ҳокими вилояти Сирдарё Алишер Исроилов гузашт.

Соли ҷорӣ дар вилоят ғаллаи фаровон рӯёнда шудааст. Аз рӯи ҳисобҳои пешакӣ ҳосили дар саҳро буда барои бомуваффақият ба иҷро расондани фармоиши давлатӣ басанда аст.

Дар маҷлис мукофотонидани механизаторони пешқадам — диловарони маъракаи ҳосилғундории соли 2001 ба амал омад. Ба онҳо тӯҳфаҳои гаронбаҳо супурда шуданд.

**Тӯлқин АҲМАДАЛИЕВ,**
**мухбири ӮзА.**

## Авҷу барори сохтмони ГЭС-и «Тӯпаланг»

***Абдулғанӣ САНГИНОВ соли 1983 баъд аз хатми факултаи обёрикунии Донишгоҳи кишоварзии Тоҷикистон ба ноҳияи Сариосиё ба Тӯпалангсохтмон чун усто ба кор оғоз намуд. Баъдтар ӯро сардори қитъа интихоб мекунанд. Аз соли 1990 сардори раёсати ГЭС-и «Тӯпаланг» таъин мегардад.***

**— Абдулғаниака, дар бораи таърих ва фаъолияти сохтмон ба муштариёни рӯзнома нақл мекардед?**

— Сохтмони ГЭС-и Тӯпаланг аз соли 1982 оғоз шудааст. Ба ҳамагон маълум аст, ки сол то сол захираи оби дарёи Ому кам мешавад. Обёрӣ кардани даштҳои воҳаи Сурхон ва ба хотири кам нашудани захирот оби сохтмони ин иншооти барқӣ шурӯъ шуд. Дар баҳри ин ГЭС 500 млн. мукааб метр об захира мешавад. Баландии сарбаланди он 187 метрро ташкил медиҳад. 25,7 ҳазор гектар замин бо об таъмин мегардад. Обёрии 102 ҳазор гектар замин мӯътадил мешавад.

Дар ин истгоҳи барқӣ асосан чаҳор агрегат кор мекунад. Соли оянда ду агрегати хурди он ба кор дароварда мешавад, ки аз ҳар яки он 15 ҳазор киловатт қувваи барқ ҳосил мекунад. Албатта, қувваи ин агрегатҳо барои истеҳсоли барқ хеле кам буда, мақсад аз он бо об мӯътадил таъмин намудани воҳаи Сурхон ва ба баҳри Арал зиёдтар нигоҳ доштани об аст.

**— Вазъияти имрӯзаи кор дар сохтмон чӣ гуна мебошад?**

— Имрӯзҳо кор дар ҳамаи ҷабҳаҳои сохтмон дар авҷ аст. Ба бунёди сарбанд диққати махсус дода мешавад. Асосан аз рег, сангрезаҳои шусташудаи дарё ва ҷинсҳои кӯҳӣ бунёд мегардад. Дар ин ҷо бо роҳбарии муҳандиси моҳир Икром Худойкулов дар се баст коргарон кор мекунанд. То ба имрӯз 107 метри сарбанд сохта шуд. Дар бунёди он махсусан ҳиссаи коргарони меҳнатдӯсту ронандаҳои моҳири БЭЛАЗ Алӣ Иброҳимов, Сайдалӣ Ҳайдаров, Акбар Раҷабов, Эшмӯъмин Авазов, Ҳакималӣ Тошев, Эркин Одинаев, Саидафзал Насриддинов хеле калон аст.

**— Шароити кори коргарон чӣ гуна аст?**

— Бояд иқрор шуд, онҳое, ки бунёди ин сохтмони муҳим хоҳ барои ронандаи мошинҳои боркаш ва хоҳ барои коргарон, кафшергарон муҳандису устову сардори қитъаҳо дар шароити кӯҳсор, албатта мушкил аст. Вале бунёдкорон ба ҳамаи ин шароитҳо мардонавор тоб оварда, заҳмат мекашанд, то ки ин иншооти бузургро ҳар чӣ зудтар ба истифода диҳанд.

Чуноне ки дар боло арз кардем, кор дар сохтмон дар се баст идома меёбад. Барои рафтуои коргарону муҳандисон автобуси мусофиркаш хизмат мерасонад. Барои 250 нафар коргароне, ки дар қитъаҳои хавфнок ва муҳим кор мекунанд, хӯроки бепул дода мешавад. Маоши миёнаи коргарон аз 45 ҳазор бештар аст. Мо кӯшиш мекунем, ки коргарон маоши хешро сари вақт гиранд.

Дар бунёди ГЭС ва насб кардани агрегатҳо сардори ин қитъа муҳандиси моҳир Облоқул Акбаров, устоҳо Амрулло Ғафуров, Зокир Юнусов, Абдуманнон Хидиров, кафшергарон Шодиқул Норқулов, Нарзулло Тошев, Мурод Турдиев, Сафар Рӯзиев, Айниддин Саломов, Шералӣ Мелибоев намунаи ибрати дигаронанд.

**— Дар пешрвавии кори сохтмон ба шумо комёбиҳо орзу мекунем.**

— Ташаккур!

**Мусоҳиб**
**Нуралии РАҶАБ,**
**паёмнигори «Овози тоҷик».**

## Иқдоми аввали «Рангмармар»

Дар ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ корхонаи хурди «Рангмармар» ба фаъолият шурӯъ намуд, ки таъсисгари он тадбиргари маҳаллӣ Сафар Раҳимбоев мебошад.

Аҳли корхона ба талаби иқтисоди бозаргонӣ пурра мувофиқат карда, аз рӯзҳои аввал босамар фаъолият пеш мебаранд. Ба ин алҳол моҳе тайёр намудани 5 миллион сӯмина маҳсулот гувоҳӣ медиҳад. Маҳсулот, ки аксари онро тахтаҷаҳои мармарӣ ташкил медиҳад, ба Қазоқистон, Тоҷикистон ва Туркманистон ба содирот бароварда мешавад.

Таҷҳизоте, ки дар ин ҷо якҷоя бо корхонаи «Ташқи иқтисодий қурилиш савдо»-и Тошканд гузошта шудаанд, дар оянда имкон медиҳанд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ду баробар вусъат ёбад.

**(ӮзА).**

## Конфронси омӯзгорон

Вазорати маорифи халқи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва Иттиҳоди нависандагони ҷумҳурият аз соли 1992 конфронси омӯзгоронеро мегузаронад, ки бо эҷодиёти бадеӣ шуғл меварзанд. Конфронси навбатӣ дар Нукус ба амал омад.

Дар кори он 42 нафар омӯзгори соҳибистеъдод аз Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд иштирок намуданд. Эҷодиёти омӯзгорон, ки дар жанрҳои мухталиф ба рӯи қоғаз омадаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифта, савияи бадеӣ, рангорангии мавзӯъ, аҳамияти тарбиявии он пеш аз ҳама ба назар гирифта шуданд.

Дар доираи анҷуман мушоираҳо, вохӯриҳо бо нависандагону шоирони номдор ба амал омада, тавсия гардид, ки асарҳои беҳтарини омӯзгорон дар матбуоти ҷумҳурӣ рӯи чопро бинанд.

**А. ОРТИҚБОЕВ,**
**мухбири ӮзА.**

## Истироҳатгоҳҳо ба мавсим омодаанд?

**Дар Маҷмӯи иҷтимоии Девони Вазирон маҷлиси васеи Комиссияи ҷумҳурӣ оид ба солимгардонӣ ва истироҳати тобистонаи бачагон ба амал омад. Дар кори он сарварони вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурият, ҷонишини Раиси Шӯрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҷонишинони ҳокимони вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, ҳамчунин раисони Кенгаши Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон ва кенгашҳои иттиҳодияҳои ҳудудии он иштирок намуданд.**

Дар маҷлис натиҷаҳои кор оид ба солимгардонӣ ва истироҳати тобистонаи бачагон дар соли гузашта, ҳамчунин масъалаҳои тайёрӣ ва ба дараҷаи баланд гузарондани мавсими соли 2002 мавриди баррасӣ қарор гирифт. Тадбирҳо оид ба тайёркунии ҳаматарафаи масканҳои истироҳат, махсусан муташаккилона гузарондани корҳои ташкилӣ, тиббӣ, фарҳангиву маърифатӣ ва таълиму тарбия, таъмини амнияти ҷамъиятӣ андешида шуданд.

Аз он ҷумла таъмини истироҳати ройгони бачагон аз оилаҳои камбисоти ҳавзаи Арал — Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ва вилояти Хоразм дар мавзеъҳои истироҳатии аз ҳама беҳтарину зебоманзари мамлакат дар назар дошта шудааст. Бояд зикр намуд, ки бо ташаббуси Президент Ислом Каримов ва мувофиқи қарори Девони Вазирон «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва сабук гардондани оқибатҳои камобӣ дар Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ва вилояти Хоразм» соли гузашта зиёда аз 20 ҳазор нафар бачагон аз ин минтақа дар мавзеъҳои дамгирӣ ва солимгардонӣ бофароғат истироҳат намуданд.

Дар маҷлис ба сарварони вазорату ҳокимиятҳои дахлдор фармоишҳои зарурӣ ва супоришҳо оиди фароҳам овардани шароити мусоид барои хубу бофароғат гузарондани таътили тобистонаи мактаббачагон дода шуданд.

**(ӮзА).**

## Тарғиби «Тип-Топ»

***Ҳафтаи гузашта, рӯзҳои шанбеву якшанбе дар боғи ба номи Бобури пойтахт, ширкати «Марвел Трейдинг», ки бо истеҳсоли шарбатҳои «Тип-топ» машҳур мебошад, иди воқеё ба амал овар.***

Ин иди ба худ хос аз Намангон шурӯъ гардид, ки баъд ба Самарқанд кӯчида, ахиран дар пойтахт ба амал омад. Сабаби аз Намангон оғоз ёфтани он - аз «ватани» ин шарбатҳо сар шудани тадбири мазкур мебошад,зеро корхонаи муштараки Ӯзбекистону Швейтсария ҳоло дао он ҷо бомуваффақият нӯҳ навъи шарбатро истеҳсол менамояд.

Ҳоло дар ҷаҳон соле ба ҳисоби миёна 6 литр шарбат истеъмол мекунанд, дар Ӯзбекистон бошад, ҳамагӣ як литр. Аз ин боис созмондиҳандагон меҳоҳанд, ки истеъмоли он дар ҷумҳурӣ афзояд ва тарғиби онро бо ин гуна мусобиқаву озмоишу консертҳову лотереяҳо ба роҳ мегузоранд.

**Т. ИКРОМОВ.**

## Қонуни конститутсионӣ омӯхта мешавад

***Қонуни Асосии Ҷумҳурияти Словакия агарчи якуми сентябри соли 1992 қабул гаштааст, он чандин сол пеш аз он низ дар амал эътибор дошт. Ҳоло Қонуни Асосии ин кишвар дар қатори дигар забонҳо ба ӯзбекӣ ҳам тарҷума шудааст.***

Сабаби дар сафоратхонаи мамлакати худ ҷамъ овардани журналистонро низ кордори муваққатии Ҷумҳурияти Словакия дар Ӯзбекистон Петер Юза чунин шарҳ дод. Зеро Қонуни Асосии ин мамлакат дар шакли китоби алоҳида якбора ба чаҳор забон — англисӣ, словакӣ, русӣ ва ӯзбекӣ дар чопхонаи Марказии миллии ҳимояи ҳуқуқи башари Ӯзбекистон аз чоп баромадааст.

Умуман қабул гардидани Қонуни Асосии Ҷумҳурияти Словакия як марҳалаи тараққиёти ин мамлакатро фаро мегирад ва давраи дигарро ҳамзамон ибтидо мегузорад.

Дар Словакия мақомоти конститутсионӣ ва қонунофарӣ Шӯрои Миллии ин кишвар мебошад ва Қонуни Асосӣ ба роҳбари давлат ва ҳукумати ҷумҳурӣ вазифаи мақомоти иҷрогарро ҷудо намудааст.

Сафир таъкид намуд, ки минбаъд барои ҳар як ӯзбекистонӣ низ Қонуни Асосии Словакия дастрас хоҳад гардид, ки онро дар китобхонаҳо пайдо кардан мумкин.

**Т. ХОВАРӢ.**

## Ба пешвози 2700-солагии Шаҳрисабз
## Авҷи таҷдиди ёдгориҳо

Агар имрӯзҳо ба Шаҳрисабз оед, шоҳиди корҳои бунёдкорӣ мегардед ва ба он гувоҳ мешавед, ки шаҳр ба майдони калони сохтмону таҷдид ва корҳои васлгарии биноҳои истиқоматӣ, ёдгориҳои таърихиву меъморӣ табдил ёфтааст. Корҳои доманадори ободонӣ ва сабзу хуррамгардонӣ, ки кӯчаву маҳаллаҳои шаҳр ба иҷро расонда мешаванд, аз тайёрии ҳамаҷониба ба иди калон шаҳодат медиҳад.

— Ба иҷрои корҳо оиди таҷдиди ёдгориҳои таърихӣ диққату эътибори калон медиҳем, — мегӯяд сарвари инспексия оид ба ҳифзи ёдгориҳои Шаҳрисабз Р.Қодиров. — Алҳол устоёни беҳтарин аз шаҳрҳои мухталифи мамлакатамон бо барқароркунӣ, таҷдиди ёдгориҳо шуғл меварзанд. Аз он ҷумла, дар мадрасаи Чӯбин ва масҷиди Ҷаҳонгир, дар Оқсарой, дар ёдгориҳои маҷмӯи Доруттиловат ва Чорсӯ беҳтарин ҳунармандон кор мекунанд.

Ҳоли ҳозир дар иҷрои корҳои таҷдиди ёдгориҳои таърихии Шаҳрисабз садҳо устоёни моҳир иштирок мекунанд.

**(ӮзА).**

## Даҳаи маданияти экологӣ

***Аз 5 то 15 июни соли кунун дар мамлакатамон Ҳафтаи анъанавии санитария, гигиена ва маданияти экологӣ бахшида ба даҳсолагии ташкилёбии Бунёди байналхалқии Экосан ба амал меояд.***

Дар доираи даҳа ба рӯи об баровардани як қатор тадбирҳои алоқаманди амалӣ гардондани барномаҳои бунёд, конфронси байналхалқӣ, радиомарафон, ҷашнвораи экологӣ, вохӯрӣ ба намояндагони куҳансолон, ҷавонон ва ғайра дар назар дошта шудааст.

Даҳа бо гузарондани ҳашари умумихалқӣ ба анҷом расида, маблағи аз он ҳосилгардида ба ҳисобсурати минтақаҳое гузаронда мешаванд, ки сокинонаш дар вазъи номусоиди экологӣ ҳаёт ба сар мебаранд.

**(Хабарнигори худамон).**



## «Экспо Италия»: №3

**Намоишгоҳи сеюми «Экспо Италия», ки маъмулан тирамоҳ барпо мешуд, ин дафъа дар баҳори Тошканд ба амал омад. Он аз 21 то 24 май дар УзЭкспомарказ ба вуқӯъ пайваст.**

Намоишгоҳи сеюми «Экспо Италия» барои корчаллонони Италия барои нишон додани моли онҳо имконияти калонро ба вуҷуд меорад. Ин дафъа асосан тадбиргарони хурду миёна дар ин намоишгоҳ ширкат менамоянд.

Сол то сол гардиши мол байни Ӯзбекистон ва Италия ривоҷ меёбад ва аммо он ҳанӯз имконияти зиёд дорад.

Дар намоишгоҳ маҳсулоти саноати кешбофӣ ва пӯшоки тайёр, саноати чарм ва кафшдӯзӣ, азнавкоркарди маҳсулоти кишоварзӣ, ғизо, таҷҳизоти соҳаи тиҷорат ва хизмати савдо, ҷиҳозоти сангтарошӣ гузошта шуда буд.

Ширкати Интерэкспо Италия чунин қарор намудааст, ки минбаъд дар Ӯзбекистон ва дигар ҷумҳуриҳои минтақа намоишгоҳи байналмилалии мебел ва ҷиҳозҳоро созмон диҳад, ки он «Ӯзинтермебел» номида хоҳад шуд. Ҳоло низ он дар як қисми намоишгоҳи «Экспо Италия» гузошта шудааст.

**Хабарнигори мо.**
**Суратгир: Т. ДИВАКОВА.**



# Анъанаи авиаторон

***Дар ширкати ҳавопаймоии «Ўзбекистон ҳаво йўллари» қадр намудани собиқадорон ва хусусан дар рўзҳои идҳои гуногун дар сари як дастархон ҷамъ овардани онҳо ба анъана табдил ёфтааст, ки Рўзи ёдбуд ва қадр бори дигар боиси гирди ҳам омадани онҳо гардид.***

Ид аз гулгузорӣ ба пояи муҷассамаи рӯи ҳавлии корхонаи тармими ҳавопаймоҳо оғоз ёфт ва дар ин ҷо собиқадорони ҷамъомада имкон доштанд, ки бо ҳам сӯҳбат карда, сипас ба сари дастархон нишастанд, ки идро ҷашн намоянд.

Аз корхонаҳои соҳаи мазкур бештар аз дуним ҳазор нафар солҳои ҷанги 1941—45 ба ҷабҳа сафарбар гардида буданд, ки аз онҳо танҳо 450 нафарашон ба маъвои худ зинда баргаштанд. Ва дар ақибгоҳ низ меҳнати онҳо зарур буд, чунки ҳавопаймоҳои ҳарбӣ дар ҷанг муҳимтарин техникаи ҳамлаовари ҳарбӣ шумурда мешуд, ки дар корхонаҳои самолётсозӣ он ҳавопаймоҳои қиркунанда сохта мешуд.

Дар корхонаҳои авиаторон солҳои охир сеххҳои нав ва корҳои мураккаби тармим ба роҳ гузошта шудааст, ки ҳатто ҳавопаймоҳои сохти хориҷӣ аз тармим бароварда мешавад. Яъне дар корхонаи тармими ҳавопаймоҳо ва шабакаи «Ўзбекистон ҳаво йўллари» на танҳо анъанаҳо нигоҳ дошта мешаванд, балки онҳо густурда ва замонавитар мегарданд.

**Т. ИКРОМОВ.**
**Суратгир: Ш. АКРАМОВ.**



# Боғча-гимназияи «Навбаҳор»

Баъди ба муассисаи типи нави таълимӣ-тарбиявӣ мубаддал гардидани боғчаи бачагонаи «Навбаҳор» ва боғча-гимназия номида шудани он диққати аҳолие, ки дар марказ ва атрофи ноҳияи Сӯх зиндагӣ мекунанд, ба он бештар ҷалб гардид. Зеро боғча- гимназия акнун на фақат тарбиятгарону мураббиёни сара, балки омӯзгорони хушсалиқаро низ фаро мегирифт ва шубҳае набуд, ки кори таълиму тарбия дар он куллан хушсифат хоҳад гашт.

Ҳамин тавр ҳам шуд.

Акнун одамони бештар мехостанд, ки фарзанди онҳо дар «Навбаҳор» тарбия гирифта, хишти асосҳои таълимро дар зеҳну шуури нури дидаи онҳо меъморони асил— устодони сазовор биниҳанд.

Дар боғча-гимназияи номбурда тифлакон то синфи чаҳор таҳсил мекунанд. Шашу ҳафтсолаҳо ба синфи аввал қабул карда мешаванд. Албатта, бо назардошти қобилияти бачаҳо, натиҷаи озмун ё худ таҳлили психологӣ ва хулосаи комиссияи махсуси назди шӯъбаи маориф, ки дар арафаи соли таҳсили нав бо хурдтаракон машғул мешавад.

Ба суоли «талабгорон зиёданд?», дар боғча-гимназия равшанӣ андохтанд, ки «бале». Ба ҳар як ҷой то чорпанҷнафарӣ даъвогар рост меомадааст ва фақат беҳтаринҳо, онҳое, ки нутқи буррову зеҳни тез доранд, ҳозирҷавобанд, саломатиашон хуб аст ва аз санҷиши тест бомуваффақият гузаштаанд, ба синфи аввал қабул карда мешаванд.

Алҳол боғча-гимназия 118 нафар талаба дорад. Дар ҳар як синф 25-31 нафарӣ таҳсил менамоянд ва қариб ҳама хубу аълохон мебошанд.

Омӯзгорон низ устодони касби худ — муаллимони дараҷаи аввалу олианд. Аз рӯи барномаи таълими махсус машғулиятҳо пеш бурда мешаванд. Аз синфи якум сар карда дар ин ҷо забонҳои ӯзбекӣ ва англисӣ ба таври амиқ омӯзонда мешаванд, вале таҳсил бо забони модарист. Аз ин рӯ, забони модарӣ низ дар маркази диққат аст. Баробари ҳамин фанни информатика низ ҳанӯз аз синфи якум тавъам бо математика омӯзонда мешавад.

Устодони боғча-гимназия Холиқҷон Толибҷонов, Асқарҷон Мирзоев, Раҳматҷон Рашидов, Соҳибахон Соҳибназарова ва Мӯъминҷон Аминҷоновҳо кӯшиш менамоянд, ки ҳар як соати машғулияти назариву амалии худро хушсифат ва ба дараҷаи баланд гузаронанд. Бештар ва беҳтар, ки кор мекунанд, ба маоши моҳонаашон бистфоизӣ музди иловагӣ дода мешавад.

Баъде, ки синфи чаҳорумро хатм карданд, талабагон ба литсейи рақами аввал, ки низ дар маркази ноҳия воқеъ аст, ҷалб карда мешаванд. Ҳамчунин хоҳишмандон метавонанд дар синфи панҷуми мактаби миёнаи рақами якум таҳсили худро идома диҳанд.

Талабагони гимназия дар озмуну азназаргузаронӣ ва тадбирҳои маънавии ноҳиявию вилоятӣ фаъолона ширкат варзида, ба гирифтани ҷойҳои намоён сазовор мегарданд. Чунончи, ғолиби яке аз чунин озмунҳо қарор гирифтани талабагони аълохон Ҳакима Шамсиддинова ва Адҳамҷон Муқимов аз фанҳои забони тоҷикӣ ва математика қобили қайд аст.

Номи дастпарвар — хатмкардаи боғча-гимзания Гулафзо Маҳмудова дар ноҳияи Сӯх вирди забонҳост. Ӯ ҳанӯз ҳангоми дар синфи аввали гимназия хонданаш дар озмуни ноҳиявии «Ўзбекистон — Ватани ман» ғолиб ва дар зинаи вилоятии он ба гирифтани ҷои дуввум сазовор гашта буд. Ин толибаи ҳамаҷониба фаъол ба дастаи ҳунарие роҳбарӣ мекард, ки «Гурӯҳи Гулафзо» ном дошт. Алҳол Гулафзо дар синфи ҳаштуми литсейи рақами якум таҳсил мекунад. Донишаш чун пештара аъло ва ӯ ҳамон дар кулли тадбирҳои ҳунариву маънавӣ фаъол аст.

Анъанаи Гулафзоро Ҳакима, ки дар синфи чаҳоруми гимназия таҳсил менамояд, идома медиҳад. Дастаи ӯ «Ҳакима» ном гирифтааст ва ин ансамбли кӯчак дар тантанаҳои хурду калони идона ба дилҳо шавқу завқ мебахшад. Роҳбари мусиқии даста омӯзгори варзида, дастпарвари Донишкадаи ҳунарҳои зебои Душанбе Воситҷон Шамсиддинов мебошад.

Гунае, ки равишомӯзи боғча-гимназия Очахон Исмоилова хотиррасон менамояд, чанде пеш дастпарварони ин маскани таълим таҳти мавзӯи «Қомуси ман — бахти ман» тадбири ҷолибе гузаронданд ва ҳар як бобу моддаи конститутсияи ҷумҳурӣ дар риштаи композитсияи адабӣ-бадеӣ ба тарзи ҷолиб кашида ва манзури тамошобинон гардонда шуд. Ҳокими ноҳия Ҳакимҷон Сайфиддинов ва муовини ӯ Саҳобиддин Нарзиддинов, ки дар он ҳузур доштанд, ба толибилмон чун мукофот 200 ҳазор сӯмина асбобу анҷоми мусиқӣ тақдим намуданд.

Иштирок дар озмуни «Модарҷон, расматро мекашам», ки дар маркази вилоят сурат гирифт, низ ба гимназия барор овард. Толибилмон Гулйигит Ҳамромуродов ва Санҷар Ўруновҳо ҷои дуввумро ишғол намуданд. Муаллими онҳо Толибҷон Холиқҷонов аст, ки бахри ҳамаҷониба сайқал ёфтани маҳорати хонандагони худ кулли маҳорати омӯзгориашро ба харҷ медиҳад.

Дар сафи ғолибон ҷо гирифтан ҳамчунин дар озмуни вилоятии «Соғломҷон-полвонҷон» ба муҳассилини гимназия насиб кард.

Соли гузашта дар вилоят ҷашнворае бо номи «Ўзбек тили фестивали» сурат гирифт ва дар байни чандин муассисаҳои таълимии миллатҳои гуногун (ғайриӯзбекӣ) боғча гимназияи «Навбаҳор»--и ноҳияи Сӯх ҷои аввалро ишғол намуд. Таълиму тарбияи томактабӣ низ дар боғчаи номбурда қобили қайд аст. Ҳамаи дувоздаҳ нафар мураббияҳо малакаи хуби касбӣ доранд ва аз таҳти дил кор мекунанд.

Дар ҳузури «Навбаҳор» шаш боғчаи хонагӣ амал менамояд. Кори боғчаҳои хонагие, ки мудиронашон Шарифахон Комилова ва Сабоҳатхон Соттиева мебошанд, ҳамаҷониба намунаанд. Роҳбарияти боғча-гимназияи «Навбаҳор» фаъолияти боғчаҳои хонагиро таҳти назорати доимӣ қарор додаанд. Бадалпулӣ аз ҳар як тарбиягиранда дар як рӯз 72 сӯмро ташкил медиҳад. Моҳе 1784 сӯмӣ ғункарда ва сари вақт ба ҷои лозимӣ супурда мешавад. Баробари пули нақд волидайн ё ташкилотҳои ҳомӣ метавонанд онро бо роҳи пулгузаронӣ низ пардозанд.

Тарбиячиёни пешқадам Гадоева Мавҷуда, Ҷӯраева Азиза, Нодирова Сурманисо, Ҷӯраева Ҷамила бо вуҷуди соҳибтаҷриба будан ва маълумоти миёнаи махсус доштан, доимо аз паи омӯзиш ва афзун гардондани малакаи касбианд.

Вақте мо бо ҳамроҳии нозири шӯъбаи маориф Муродҷон Темиров ва равишомӯзи муассисаҳои томактабӣ Саидахон Садирбекова вориди боғча-гимназия шудем, диққати моро, қаблан аз ҳама, озодагӣ ва сариштагии саҳну дохили бино ҷалб кард. Ороиши толор ва синфхонаҳо бахри дили касро мекушоянд. Ҳама чизу маводи лозимӣ бо диди эстетикии хуб ҷо ба ҷо афтодааст. Маълум гардид, ки рассоми чирадаст Абдуваҳҳоб Акбаралиев ва писари ӯ Одилҷон бахри ҳамеша ва ҳамаҷониба диққатрабо будани гимназия кӯшиш менамоянд.

Аз сӯҳбати нозир М.Темиров маълум гардид, ки ҷамоати 57 нафараи боғча-гимназия таҳти роҳбарии Ҳалимахон Баҳромова ва Оча Исмоилова бахри боз ҳам хубтар ба роҳ мондани кори таълиму тарбия ҳамеша дар такопӯянд. Паиҳам ҷои аввалро гирифта омадани «Навбаҳор» дар таҳлили ташхисии фаъолияти муассисаҳои томактабӣ, ки моҳе як маротиба гузаронда мешавад, гувоҳи фикри мост.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# Сарфаи об



***Такмили канали Ҷанубии Мирзочӯл ба поён расид. Дар тӯли чандин сол, ки кор дар зинаҳои гуногуни ин иншоот идома дошт, дар 130 км. мутахассисони Ўзбекистон ва Фаронса ҳамроҳ буданд. Қимати умумии ин лоиҳа 40 млн. фронкро ташкил намуд.***

Нимаи ин маблағро ҷониби Фаронса ва воқиан 5,4 млн.фронки онро ҳукумати Фаронса бебозгашт, яъне ба сифати кӯмак пешкаш кардааст. 15 млн. воми дарозмӯҳлат аст. Лоиҳа дар ҳамкории ширкати фаронсавии БРЛ — инженерӣ ва Институти «Узгипромелиоводхоз» анҷом дода шуд.

Дар панҷ нуқтаи ин канал пунктҳои худкори мукаммал ва назорати харҷу тақсими об сохта шуда, таҷҳизоти компутерӣ аз пастиву баландӣ ва вазъияти канал ҳамеша ба маркази шабака хабар мерасонад.

— Қаблан ин корҳо рӯзе се дафъа дастӣ анҷом дода мешуд,— мегӯяд сармуҳандиси калон А.Ғафуров.

Таҷҳизоти нав имконият медиҳад, ки соле то 76 млн. метри мураббаъ об сарфа карда шавад.

**Р. ПИРИМОВ.**

# Муаррих, ҳафриётшинос ва олими номдори соҳаи нумизматика

## Ба ҷои табрик

60-солагии зодрӯзи худро узви пайвастаи Фарҳангистони улуми Ўзбекистон, мудири шӯъбаи «Таърихи санъат»-и Паҷӯҳишгоҳи санъатшиносии Фарҳангистони бадеӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Эдвард Василевич Ртвеладзе дар айни камолот пешвоз мегирад. Олими номдори ҷумҳурият, ки аз ҷониби аҳли ҷамъияти илмии байналхалқӣ дар соҳаи таърих, ҳафриётшиносӣ ва нумизматика эътирофи худро пайдо кардааст, дар бобати тадқиқи соҳаи фарҳанг ва санъати Шарқи Миёна нақши калоне бозидааст. Вай, ки як вақтҳо сокини шаҳри Боржоми Гурҷистон буд, қисми зиёди умри худро ба Ўзбекистон, рушди он бахшидааст.

— Дар тақдири ман, — мегӯяд Эдвард Василевич — мулоқотҳои кафқозии солҳои 50-ум бо олими номдор, асосгузори мактаби осиёимиёнагии ҳафриётшиносӣ, академик М.Е.Массон нақши калоне гузоштанд. Ҳамроҳи он кас соли 1961 дар корҳои ҳафриётшиносии димнаи Марви кӯҳна ва соли 1962 дар димнаи Суғд ҳамроҳи профессор Г.А.Пугаченкова иштирок намудам. Ҳарчанд ба ин фаъолият соли 1958 дар Қабардину Балқар шурӯъ карда бошам ҳам, вале корҳои ҳафриётӣ бо Массон дар ҳаётам гардиши куллӣ гардид.

Дарҳақиқат, мулоқотҳои аввал ва кори муштарак ба олимони номдор, аз қабили Массон дар дили олимони ҷавон таассуроти амиқе гузошт ва қарор дод, ки ҳафриётшинос мегардад. Аз ҳамин сабаб ба факултаи таърихи Донишгоҳи давлатии Тошканд дохил гардид, ки олимони болой лексияҳо мехонданд. Ва Ртвеладзе аз он фахру ғурур дорад, ки маҳз онҳо мураббиёни ӯ гардиданду тадқиқотҳои худро дар ҳамбастагии зодгоҳаш Қафқозу ватани маънавиаш — Ўзбекистон гузаронд. Аз ин рӯ, мавзӯи рисолаи номзадиаш «Аз таърихи фарҳанги шаҳрӣ дар Қафқози Шимолӣ ва равобити он бо Осиёи Миёна» дифоъ гардид.

Маводҳои сершумори тадқиқотии он беасар намонданд. Соли 1985 соҳиби Мукофоти давлатӣ ба номи Берунӣ гардид.

Баъди чор соли таҳлилу арзёбии маводҳои ҳафриётие, ки дар рафти тадқиқотҳои ёдгориҳои Осиёи Марказӣ ба даст омаданд, дар фаъолияти илмии ӯ гардиши куллиро ба вуҷуд оварданд ва таҳти унвони «Бохтар-Тахористони қадима. Муназзамии рушди фарҳангӣ-таърихӣ» рисолаи доктори илмиро ҳимоя намуд.

Баробари ин ӯ анъанаи устодони худро давом дода, ба тайёркунии мутахассисон аз ҷумлаи авлоди нав диққату эътибори калон дод, ки алҳол на танҳо дар мамлакати мо, балки дар хориҷа — Юнон, Исроил, ИМА, Фаронса, Канада, Россия кор мекунанд. Бисёрии онҳо рисолаҳои номзадӣ ва докториилмро ҳимоя намудаанд.



Бесабаб нест, ки Э.Ртвеладзеи академик дар саросари ҷаҳон номвар гардидааст. Тадқиқотҳои илмии ӯ эътироф ва дӯстдорони сершумори худро дар мамлакатҳои мухталиф пайдо кардааст, ки рӯи чопро дидаанд. Аз он ҷумла, дар Англия, Маҷористон, Олмон, Россия, ИМА, Фаронса, Ҷопон ва дигар давлатҳо ҳаводорони зиёде дорад олим. Дар байни онҳо 20 монография ва қариб 600 мақолаи илмист, ки бахшида ба муаммоҳои фундаменталии торих, ҳафриётшиносӣ, нумизматика, таърихи фарҳанг, муносибатҳои тиҷоративу пулӣ дар Осиёи Марказӣ рӯи чопро дидаанд. Дар айни замон тадқиқотҳои илмии ӯ дар бисёр мамлакатҳое эътирофи худро пайдо кардааст, ки ба он ҷо олим рафтааст.

Муошират ва мубоҳиса байни олимон қисми таркибии ҷараёни тадқиқотӣ ба ҳисоб меравад, — мегӯяд нақлашро давом дода академик. — Ба ҳамин маънӣ иштирок дар конфронсҳои илмӣ ва анҷуманҳо нақши калон мебозад. Ҷаҳонбинии ҳамкорон ва донишҷӯёни хориҷро лексияҳое, ки дар бораи мероси бисёрасринаи фарҳангӣ, анъаноти халқи ӯзбек хондам, васеъ кард. Дар ин бобат нақши баромадҳо ва суханрониҳоямон калон аст, ки оиди муаммоҳои таърихи Осиёи Миёна дар муассисаҳои илмии Вашингтон, Лондон, Париж, Турин, Никосия, Осако, Киото, Токио, Стокголм, Маскав, Санкт-Петербург, Сюрих ва дигар шаҳрҳои ҷаҳон хондаам.

Э.Ртвеладзе соли 1995 узви пайвастаи Фарҳангистони улуми Ҷумҳурияти Ўзбекистон интихоб гардид. Баъд аъзои раёсати Комиссияи олии аттестатсионӣ ва ҳайати таҳрири як қатор маҷаллаҳои илмии ҳам мамлакати мо ҳам хориҷ интихоб шуд. Вай нерӯи илмии худро ба сифати муҳаррир дар 100 нашрияи илмӣ намоиш дод. Дар байни онҳо китобҳо бахшида ба ҷашни шаҳрҳо ва шахсиятҳои бузурги таърихӣ: «Амир Темур дар торихи ҷаҳонӣ», «Хива — шаҳри ҳазор гумбаз», «Рӯшанӣ аз қаъри асрҳо», «Ҷалолиддини Мангубердӣ», «Тирмиз — шаҳри қадимаву нав дар чорроҳаи Роҳи бузург» мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки хизматҳои Эдвард Ртвеладзе муносиб тақдир гардидаанд. Вай бо мукофоти волои давлатии Ўзбекистон — ордени «Буюк хизматлари учун» ва Гурҷистон — ордени «Гирбибеси орэдэн» тақдир гардидааст.

Баробари ин дар фаъолияти эҷодии ӯ дигар воқеаҳои нобаҳангомро дидан мумкин аст. Баробари соҳиби истиқлолият гардидани Ҷумҳурияти Ўзбекистон таҳияи илмии муаммоҳои таърихи давлатдории миллии мамлакат самти умдаву муҳими тадқиқотҳо қарор гирифт. Ӯ дар ҳаллу фасли масъалаи мазкур саҳми муносиб гузошт. Масалан, дар шарикӣ бо профессор А.Х.Саидов монографияи фундаменталлиро таҳти унвони «Очеркҳо оиди таърихи тамаддуни Ўзбекистон. Давлатдорӣ ва ҳуқуқ» таълиф намуд. Якҷоя бо Д.А.Алимова ба нашри тадқиқотҳои ҳамаҷонибаи «Таърихи давлатдории Ўзбекистон» муҳаррирӣ намуд. Дар вақтҳои наздик асари нави тадқиқотии ӯ таҳти унвони «Искандари Мақдунӣ дар Бохтар ва Суғд» рӯи чопро хоҳад дид.

Меҳнати зарбдоронаи ӯро Фарҳангистони бадеии Ўзбекистон воло қадр намуда, соли 1999 академик Э.Ртвеладзеро бо медали тилло ва диплом «Барои ҳиссаи калонаш дар омӯзиши фарҳанг» тақдир кард. Соли 2001 китоби ӯ «Роҳи бузурги абрешим» ба дипломи Фарҳангистони улуми Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Барои тадқиқоти беҳтарин дар соҳаи илмҳои иҷтимоӣ» мушарраф гардид.

Ҳарчанд синни Э.Ртвеладзе ба шаст дакка зада бошад ҳам, бо шасти камолот алҳол фаъолият пеш мебарад. Дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Ўзбекистон саҳми калон мегузорад. Вай тадқиқотҳои ҳафриётиро идома медиҳад ва аксар вақт он боиси аҳамияти умумиҷаҳонӣ мегарданд.

Дар байни корҳои ҳафриётӣ аз ҳама муҳимашро оиди тадқиқи Осиёи Марказӣ ва мамлакатҳои ба он ҳамсарҳад ошкор кардани димнаи Кампиртеппаи мансуби давлатдории кӯшониёни (садаи HI то солшумории мо) меҳисобад, ки онро якҷоя бо экспедитсияи Тохаристон ба рӯи об баровардааст.

**Сергей ҚУРБОНОВ,**
**мухбири ОИ «Ҷаҳон».**

# Қонуни конститутсионӣ омӯхта мешавад

***Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи натиҷаҳои раъйпурсӣ ва усулиятҳои асосии ташкили ҳокимияти давлатӣ» дар иҷлосияи ҳаштуми Олий Маҷлис даъвати дуюм қабул гардида буд. Ба мақсади омӯзиши илмиву назарӣ, дарки моҳият, мазмуну мундариҷа ва аҳамияти он алҳол семинару конфронсҳо, анҷуманҳо ба амал меоянд.***

Дар Донишкадаи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд семинари илмиву амалӣ бахшида ба ҳамин мавзӯъ ба амал омад.

Дар он мутахассисони низоми Вазорати таълими халқ, омӯзгорони фанни ҳуқуқшиносӣ ва олимон иштирок намуданд.

Аз ҷиҳати илмиву назарӣ таҳлил намудан, омӯхтани Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи натиҷаҳои раъйпурсӣ ва усулиятҳои асосии ташкили ҳокимияти давлатӣ» ва дар ҷараёни таълим мувофиқи моҳияти қонун созгорона пеш бурдани тамоми тадбирҳо дар маркази диққату эътибори иштирокдорони семинар қарор гирифт.

Дар семинар докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ З.Исломов, Ҳ.Бобоев, Ғ.Абдумаҷидов, номзади илми ҳуқуқшиносӣ Б.Тошев ва дигарон маърӯза карданд. Онҳо аз хусуси дар қонун акс ёфтани натиҷаҳои раъйпурсӣ, моҳияти Қонуни конститутсионӣ, аҳамияти он дар бобати таҳияи қонунҳои нав, мақоми он дар ташкили ҳокимияти давлатӣ, ба роҳ мондани ҷараёни таҳсил бо назардошти моҳияти ин қонун, боз ҳам амиқ гардондани ҷустуҷӯҳои илмӣ дар самти ҳуқуқшиносӣ ва оиди вазифаҳои минбаъда фикру мулоҳизаҳои хешро баён сохтанд.

Иштирокдорони анҷуман дар хусуси боз ҳам авҷ гирондани корҳои таълим ва тарғиботи ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таълим, боз ҳам амиқ гардондани дониши ҳуқуқии муҳассилин, дар ин бобат ба вуҷуд овардани китобҳо ва дастурҳои нави таълимӣ мубодилаи афкор намуданд.

**Б.НОРБОЕВ, мухбири ЎзА.**

# Навгониҳои Тоҷикистон

## Мулоқот бо сафири нав

Президенти Ҷумҳурияти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов эътибориномаи Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурияти Исломии Эрон дар Тоҷикистон Носир Сармадӣ Порсоро қабул кард. Баъди ба анҷом расидани маросими расмӣ сарвари давлат бо сафири Эрон сӯҳбати ҳамаҷониба ва бардавом кард, ки ба масъалаҳои муносибатҳои дуҷониба, амнияти байналхалқиву минтақавӣ ва масъалаҳое алоқаманд буданд, ки ҷонибҳо ба онҳо майлу шавқ доштанд. Ҳангоми муҳокимаи силсилаи масъалаҳои самти дуҷониба дошта Президенти Тоҷикистон ба сафари ба қарибинаи расмии Президенти Ҷумҳурияти Исломии Эрон Сайд Муҳаммад Хотамӣ ба Тоҷикистон баҳои баланд дод. Баробари ин диққату эътибор ба зарурати пурраву сари вақт иҷро кардани ҳуҷҷатҳои дуҷониба дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаҳои мухталиф нигаронда шуд. Зикр ёфт, ки ҳамкориҳи иқтисодӣ аҳамияти калон дошта, ҳоли ҳозир аз дараҷаи ҳамкории дуҷонибаи фарҳангиву сиёсат хеле қафо мондааст ва ба талабу имконияту салоҳияти онҳо пурра ҷавобгар нестанд. Сарвари давлати Тоҷикистон дар ин бобат изҳори боварӣ намуд, ки фаъолияти сафири нав ба ҳатталимкон ба даст омадани пешравиҳои мусбиву ҷиддӣ дар соҳаи ҳамкории иқтисодиву тиҷоратӣ байни Тоҷикистон ва Эрон нигаронда мешавад. Қисми муҳими муколамаро мубодилаи афкор оид ба вазъият дар минтақа ва муаммоҳои Афғонистон ташкил дод. Фикри умумӣ дар ин бобат баён гардид, ки таҳкими амалиёти мутақобилаи ду давлат аз рӯи роҳи таъмини амнияти минтақавӣ ба манфиатҳои миллии ду давлат ва халқҳои он ҷавобгӯст. Мулоқот дар муҳити дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ гузашт.

## Маҷлиси комиссияи байнидавлатӣ

Масъалаҳои таҳияи Нақшаи минтақавӣ оид ба ҳифзи муҳити атроф дар Осиёи Марказӣ (РПДО-ОС ЦА) дар семинар дар Душанбе мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар хотимаи семинар маҷлиси Комиссияи байнидавлатӣ оид ба рушди устувор (МКУР) дар дараҷаи сарварони идораҳои ҳифзи табиати панҷ давлати Осиёи Марказӣ ба амал омад. Семинар ва маҷлиси МКУР бо иштироки намояндагони Бонки рушди Осиё, Бунёди умумиҷаҳонии табиати ваҳшӣ, ташкилотҳои ғайридавлатии экологии панҷ ҷумҳурият ва дастгоҳи иҷроияи Президенти ЧТ гузашт. Нақшаи минтақавии арзи амал аз рӯи ҳифзи муҳити атроф як сол боз пеш бурда мешавад. Дар ин муддат муаммоҳои наклиётиву сарҳадӣ муайян гардида, таклифҳои лоиҳавӣ арзёбӣ гаштанд. Ва онҳо силсилаи лоиҳаҳоро аз рӯи панҷ самти бартаринок — ифлосшавии ҳаво, об, харобшави замин, низоми экологӣ, идораи партовҳо ташкил медиҳад. Мақсад аз семинар ба дараҷаи талаби мамлакатҳо, васоятгарон мувофиқ сохтани лоиҳаҳои пешкашгардида буд.

## Мармар боз бояд истеҳсол гардад

Вазири саноати ЧТ Зайд Саидов якҷоя бо мутахассисон ва намояндагони ҳукумати вилояти Суғд ба ноҳияи Панҷакент ташриф овард. Гурӯҳи корӣ муаммоҳои алоқаманди фаъолияти корхонаҳои ноҳия, зарурати зиёд кардани ҳосилнокии меҳнат ва барҳам задани камбудиҳои маҷвударо таҳлилу муҳокима намуд. Натиҷаҳои фаъолияти саноати ноҳия дар тӯли чор моҳи соли кунун ҷамъбаст гардиданд. Вазир хеле пурзӯр гардидани фаъолияти корхонаҳоро зикр намуда, диққату эътиборро ба истифода бурдани имкониятҳо ва роҳҳои ҳаллу фасли муаммоҳои пухтарасида ҷалб сохт. Аз он ҷумла, вай зикр намуд, ки яке аз корхонаҳои асосии саноатии ноҳия «Лада Мрамор», ки дар бадали чандин сол бо истеҳсоли мармари худ номвар буд, се сол боз кор намекунад. «То охири соли ҷорӣ корхона бояд фаъолияти худро ба роҳ монда, истеҳсоли масолеҳи гаронбаҳои бинокорӣ — мармарро бояд шурӯъ кунад» — гуфт дар фарҷоми суханронии худ З.Саидов.

## Фаъолияти «Тоҷикгаз»-ро чӣ тавр беҳтар кардан мумкин?

Масъалаи фаъолияти корхонаи давлативу унитарии «Тоҷикгаз» дар маҷлиси машваратие мавриди муҳокима қарор гирифт, ки таҳти сарпарастии Нахуствазири ҶТ Оқил Оқилов гузашт. Дар он сарварони вазорату идораҳои дахлдори Тоҷикистон иштирок намуданд. Дар бораи фаъолияти «Тоҷикгаз» сарвари он Маҳмадрӯзӣ Искандаров маълумот дод. Аз рӯи суханони Нахуствазир маълум мегардад, ки дараҷаи аз тарафи халқ истеъмол гардидани газ хеле баланд аст. Агар соли 2001 ҳамагӣ 43,2 миллион метри мукааб газ истеъмол гардида бошад, танҳо дар семоҳаи аввали соли кунун харҷи газ ҳамин миқдорро ташкил додааст.

Маҷлисро ҷамъбаст намуда, Нахуствазир ба роҳбарияти «Тоҷикгаз» фармуд, ки даромадро, ки аз аҳолӣ ва корхонаҳо барои истифодаи газ гирифта мешавад, оқилона харҷ намуда, марҳила ба марҳила аз қарзҳои Роҳи оҳани тоҷик бояд халос шавад. Диққату эътибори иштирокдорони маҷлисро Нахуствазир ба шинондани асбобҳои баҳисобгирии газ дар хонаҳои баландошёна ва хонаҳои инфиродӣ, дар корхонаҳои саноатии мамлакат ҷалб сохт. Аз рӯи суханони вай дар корхонаҳои саноатӣ мебояд асбобҳои баҳисобгирии электронӣ гузошта шаванд. Ҳаллу фасли ин масъала вазъиятро дар бораи ҷамъ овардани хақ барои истифодаи газ то андозае сабук мегардонад. Нахуствазир ҳамчунин ба роҳбарияти вазорату идораҳо супурд, ки муассисаҳо ва ташкилотҳои зертобеи худро ба мавсими тирамоҳу зимистон сари вақт омода созанд.

## Май — моҳи Оила

Мувофиқи қарори раиси вилояти Суғд «Май — Моҳи оила» эълон гардидааст. Дар ҳама ҷо тадбирҳои мухталиф бахшида ба оила, озмунҳо аз рӯи номинатсияҳои мухталиф таҳти унвонҳои «Оилаи беҳтарин», «Бонувони беҳтарин» ва ғайра мегузаранд. Гузарондани тӯйҳои «тиллоӣ» ва «нуқрагин» ҳам ба нақша гирифта шудаанд. Ҳукуматҳои шаҳру навоҳии вилоят тӯйҳои одамонро аз оилаҳои камбисот мегузаронанд. 15 май — дар Рӯзи байналхалқии оила ҳукумати шаҳри Хуҷанд се тӯйро бо маблағ таъмин намуд. Бо сарварони ҳамаи шаҳру навоҳӣ супурда шудааст, ки тадбирҳоро таҳти унвони «Оила — такягоҳи миллат» гузаронанд.

## Дар роҳи ҳаллу фасли муаммоҳои иҷтимоӣ

Дар Душанбе семинари дурӯза таҳти унвони «Шарикии иҷтимоӣ» гузашт, ки созмондиҳандагони он Каунтерпарт Корсорсиум баробари ҷонибдории молиявии Оҷонсӣ ба рушд тавассути таҳсил мебошанд. Мақсади гузарондани чунин тренинг ба вуҷуд овардани тасаввурот оиди шарикии иҷтимоӣ ва ихтиёрдорӣ кардани технологияҳои шарикии иҷтимоӣ барои муттаҳид сохтани саъю кӯшиши шарикон дар ҳаллу фасли муаммоҳои иҷтимоӣ мебошад. Дар рафти семинар иштирокдорони он, ҳамчунин намояндагони ташкилотҳои ғайридавлатӣ, сохторҳои давлатӣ, корчаллонон нақши иттиҳодияҳои илмии истеҳсолиро дар ҷамъият ва бартарӣ доштани шариконро дар ҳаллу фасли муаммоҳои иҷтимоӣ зикр намуда, оид ба фаъолияти ташкилотҳои ғайридавлатӣ мубодилаи афкор карданд, феҳристи тадбирҳо ва фаъолиятеро оид ба бартараф сохтани монеаҳое карданд, ки ба шарикии иҷтимоӣ халал мерасонанд.

**«Туркистон-пресс» — «Вароруд».**

